«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т, профессор,
________Ибодуллозода А.И.
«___» ____04________соли 2026

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи муштараки кафедраи педагогикаи умумӣ ва кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дотсент Мансурова Ҷ. ҳусни оғоз бахшида, қайд намуд, ки диссертатсияи Одиназода Қурбонали Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус.

Одиназода Қурбонали Наҷмудин 21 майи соли 1994 дар ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2017 донишгоҳро бо ихтисоси сурдопедагогика-информатика (бакалавр) бомуваффақият хатм намудааст ва соли 2021 зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси равоншиносӣ хатм намудааст. Аз соли 2021 дар кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири факултети психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ ба вазифаи ассистент корро оғоз намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз **07.03.2022, таҳти №92 ОД** ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ қабул шуда ва санаи 03.01.2023, №5/9 (а) тасдиқи мавзуи рисолаи илмии унвонҷу дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм - “5” (аъло) - 20.12.2024;
- Забони хориҷӣ (англисӣ) - “4” (хуб) - 24.05.2025;

Ихтисос: 5.3.6 Педагогикаи махсус - “5” (аъло) 18.02.2026

(Ба феҳристи нави самтҳои илм барои дарёфти дараҷаи илмӣ КОА аз 25.09.2025, №10, ихтисоси 5.3.6.-Педагогикаи махсус мувофиқ мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 25.02.2026, №876 додааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Одиназода Қурбонали Наҷмудин унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳи ба шумор мерафт.

Диссертатсия дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 1.04.2026 таҳти №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Диссертатсияи мазкурро муқарризони холис Умаров А.С. доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии саёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон, Мухторова Г.Ғ. номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технология, нақшакашӣ ва дизайни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Мирзоева С.Д. номзади илмҳои педагогӣ, муалими калони кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Барои муаррифии мухтавои мавзуъ сухан ба унвонҷӯ пешниҳод гардид. Дар баромади худ Одиназода Қ.Н. оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, муҳимият ва навгонии таҳқиқот, натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бадастоварда иброз намуданд. Истифодаи забони имову ишора ва дар натиҷа маҳрумият аз бисёр лаззатҳои ҳаёт - ин аст рӯйхати нопурраи хусусиятҳое, ки ба ХНШД имкон намедиҳанд, онҳо ҷаҳонро эҳсос кунанд. Агар ХНШД қобили меҳнат карданро дошта бошанд ҳам, аммо аксар вакт имконияҳои худро пурра дарк карда наметавонанд ва дар натиҷа касбашро дигар мекунанд, аз оила барпо кардан низ дар ҳаросанд, то ки фарзанди онҳо дорои ин намуди маъюбият нашаванд. Зеро маҳз дар ҳамгироии раванди таълим яке аз самтҳои афзалиятноки педагогика ҷустуҷӯ ва инкишоф додани механизмҳо ба чунин хонандагон ёрии иловагии психологию - педагогӣ ба ҳисоб рафта, маҳфилҳои фаннӣ ва ҳамаҷонибаи он дар раванди таълим мусоидат менамояд.

**Мақсади таҳқиқот** муайян кардани шароити иҷтимоӣ-педагогӣ мутобикшавии ХНШД дар ММТ ва коркарди усулҳои психологии таъмини ин шароит мебошад.

**Объекти тадқиқот** раванди мутобиқшавии иҷтимоии ХНШД дар ММТ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** муайян кардани нуқсонҳои шунавоӣ (модарзодӣ ё пайдоишӣ) ва истифодаи корҳои ислоҳӣ барои мутобиқшавии ХНШД;

- ташкили дарсҳои имову ишора, нутқи шифоҳӣ, алифбои дастӣ барои мутобиқшавии ХНШД;

- пешниҳод намудани роҳу воситаҳои бозиҳои дидактикӣ ва дастгирии равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби мутахассисон;

- ташкили муоширати ғайринутқӣ бо ҳамсолон ва омӯзгорони дарсдиҳанда;

- нофаҳмиҳо байни аъзоёни ҷомеа, оила, муҳит оид ба дарки шунавоӣ дар ихтилоли нутқ;

**Нововарии таҳқиқоти илмӣ аз ин қисматҳо иборат аст:**

- таҳлил намудани мушкилотҳои муоширати ХНШД мавриди мутобиқшавии иҷтимоӣ дар ММТ аз надонистани забони имову ишора ба роҳ монда шуд;

- самтҳои ҷараёни таълим барои беҳтар кардани самараи мутобиқшавии иҷтимоӣ, истифода аз воситаҳои бозиҳои дидактикӣ мавриди баррасӣ қарор дода, натиҷаҳои судбахш ба даст оварда шуд;

- дарсҳои фардӣ гузаронида шуда, ба ХНШД хониши лабӣ омӯзонида шуд, инчунин нутқи шифоҳӣ ба воситаи мондани овоз таҳия ва баррасӣ гардид;

- соатҳои дарсӣ ҷудо карда шуда ва шароит барои ҳамкорӣ байни ҳамаи омӯзгороне, ки дар мутобиқшавии иҷтимоии ХНШД иштирок мекунанд, фароҳам оварда шуд.

- фароҳам овардани шароити беҳтарин барои кори самараноки ММТ ва кормандони иҷтимоӣ барои таъмини дастгирии ҳамаҷонибаи равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ХНШД. Ин имкон медиҳад, ки самараноктарин татбиқи фаъолиятҳои педагогӣ, ташкилӣ ва ташхисӣ, инчунин машварат ва рушди иҷтимоӣ анҷом дода шавад.

- таълими имову ишора ва истифодаи овоз барои баланд бардоштани қобилиятҳои мутобиқшавии ХНШД дар ММТ ва пешниҳоди тавсияҳо барои беҳтар кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташхис;

- барои ҳавасмандгардонии бештари хонандагон, барномаҳои фардии таълим ва омӯзиши ислоҳӣ ва рушдӣ таҳия карда шуданд, реҷаҳои ҳаррӯза ва нақшаҳои таълимӣ ба нақша гирифта шуд;

**Муқарароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

Дар ММТ мо барои корҳои пурмаҳсуламон шароитҳои зарурӣ, истифодаи алифбои дастӣ бо дастгирии омӯзгорон ва психолог, инчунин корманди иҷтимоӣ таъмин намудем;

- мутобиқшавӣ бо воситаҳои фаъолият нишон додани ХНШД дар чорабиниҳои фарҳангӣ, дарсҳои таълимӣ ММТ;

- ташхиси машваратиро бо бозиҳои таълимӣ воситаи мутобиқшавии ХНШД - ро ба роҳ мондем;

- инкишоф додани тарбияи меҳнатӣ ва мутобиқшавӣ ба воситаи реҷаи рӯз дар ММТ

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** имкониятҳои ҷараёни дастгирии маҷмуи педагогии ХНШД барои баланд бардоштани самаранокии мутобиқшавии иҷтимоии онҳо муайян ва асоснок карда шудаанд;

- зарурати омӯзиши амиқтари хусусиятҳои сатҳи мутобиқшавии ХНШД барои ҳалли масъалаҳои мутобиқшавӣ асоснок карда шудааст;

- амсилаи мутобиқшавии реҷаи рӯз барои иҷтимоии ХНШД дар ММТ таҳия карда шудааст, ки татбиқи он имконият медиҳад, ки системаи

самарабахши дастгирии психологию педагогии онҳо ва ҳамгироии бомуваффақият ба ҷомеа фароҳам оварда шавад.

Дар таҳияи тавсияҳои назариявӣ ва методологӣ мебошад, ки ба муайян ва беҳтар кардани мутобиқшавии иҷтимоии ХНШД мусоидат мекунад. Ин ба рушди оптималии қобилиятҳо ва ниёзҳои мутобиқшавии онҳо мусоидат менамояд. Ҳамкорӣ байни оилаҳо, муаллимон, мураббӣ ва роҳбарони маҳфил дорои ниёзҳои махсус барои барқарор кардани аҳаммияти иҷтимоии онҳо дар оянда бо назардошти имкониятҳои тағйирёбандаи ҷомеа мусоидат менамояд.

**Дар боби якуми диссертатсия** таҳти унвони «Ташкили фаъолиятҳои таълимӣ барои мутобиқ шудани хонандагони нуқсони шунавоидошта ба муҳити муассисаи махсуси таҳсилотӣ» (саҳ. 21-73) заминаҳои илмӣ ва методологии масъала мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст.

**Дар зербоби 1.1.** «Мутобиқ шудани хонандагони нуқсони шунавоидошта аз нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ», (саҳ. 21-39) андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро дар ин мавзӯъ ҷамъбаст мекунад. Масъалаи мутобиқ кардани ХНШД, ки барои тамоми низоми маориф муҳим аст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. ХНШД, бахусус таъхир дар нутқ ва тафаккур, дар рушди ҳама намудҳои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар раванди таълим бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ мешаванд.

**Дар зербоби 1.2.** «Мутобиқнамоии хонандагони нуқсони шунавоидошта тавассути барномаҳои таълимии муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ» (саҳ. 39-58) маълумотҳо дида баромада шуд.

Барномаи намунавии мутобиқшавӣ дар мактабҳои махсуси ХНШД ҳуҷҷатҳои таълимию методие мебошад, ки ҳаҷм ва муҳтавои таҳсилот аз ҷониби стандарти давлатии таҳсилот тавсияшуда, натиҷаҳои банақшагирифтаи азхудкунии барномаи таълимӣ шартҳои тахминиро муайян мекунад. Барои фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла ҳисобҳои тахминии хароҷоти стандартии хизматрасонии давлатӣ барои татбиқи барномаи таълимӣ мусоидат менамояд.

**Дар зербоби 1.3.** «Ташкили дарсҳои тарбиявӣ ҳамчун омили мутобиқшавии хонандагони нуқсонҳои шунавоидошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ» (саҳ. 58-73) масъалагузори карда шудааст.

ММТ ин муҳити махсусе ба ҳисоб меравад, ки хонандагон дар муҳлати 11 - сол ҳаёт ба сар мебаранд, синфи тайёрӣ 0 ва аз 1 то синфи 10 инкишоф меёбад, таълим ва тарбия мегирад ва меомӯзад. ММТ он ҷоест, ки дар он омӯзгорону мураббиён, хонандагон ва дояҳои шабона низ кор ва фаъолият менамояд. Дар муассисаи давлатии «Мактаб интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ» вазифаи омӯзгорони тайёрӣ ба мактаб О «А» М. Салимова, О «Б» Х. Ёғиева, О «В» С. Назарова ва О «Г» А. Танибекова ва дар синфи 1-ум бошад, омӯзгорон 1 “А” Ҷ. Гадоева ва 1 «Б» М. Муминова мутобиқ кардан ба омӯзиши фанҳои

таълимӣ, мутобиқ кардани хонандагон ба муҳити мактабӣ, додани дониш, дорои маҳорат ва малака шудан мебошад.

**Дар боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони «Мутобиқсозии хонандагони дорои нуқсони шунавоӣ ба барномаҳои таълимӣ ва корҳои иҷтимоӣ, равонӣ, педагогӣ» (саҳ. 75-113) бахшида шудааст.

**Дар зербоби 2.1.** «Мутобиқсозии хонандагони дорои нуқсони шунавоӣ ҳамчун соҳаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва равонӣ дар муҳити муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ» (саҳ. 75-93) бахшида шудааст. Муайян кардани асосҳои назариявии мутобиқшавии иҷтимоии ХНШД дар заминаи тадқиқоти мо вобаста ба мавзуъ ва объекти он, инчунин танзимоти мақсаднок хусусияти муайян дорад.

**Дар зербоби 2.2.** «Мутобиқшавии хонандагони нуқсони шунавоидошта ба реҷаи рӯз дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ» (саҳ. 93-112) мавриди арзёбӣ қарор дода шуд. Дар синфҳои тайёрӣ пеш аз оғози дарсҳо ба ошхона, китобхона, сайру гашт, корҳои беруназсинфӣ рафтан, ташноб, (ҳоҷатхона), ба ҷамъомадҳои умумӣ, толори варзишӣ, толори фарҳангӣ, бунгоҳи тиббӣ, равоншинос, ҷои хоб, байни якдигар муоширати ғайринутқӣ кардан воситаи асосии мутобиқшавӣ ба ҳисоб меравад. Дар синфи якум бошад ба синфхонаҳои дарсӣ, фанҳои таълимӣ ва омӯзгори дарсдиҳанда шинос мешаванд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** таҳти унвони «Таҳлили муқоисии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таълими хонандагони нуқсонҳои шунавоидошта» (саҳ. 114-194) бахшида шудааст.

**Дар зербоби 3.1.** «Омӯзиши вазъи мутобиқшавии таълимӣ дар хонандагони дорои нуқсони шунавоӣ» (саҳ. 114-132) бахшида шудааст. Яке аз вазифаҳои асосӣ мутобиқшавии ХНШД, инкишоф додани дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ барои давом додани таҳсил дар синфҳои минбаъда ба ҳисоб меравад. Агар маҳорати ХНШД хуб ба роҳ монда шавад, онҳо тезтар ба якдигар унс мегиранд. Мазмуни асосии фанни математика дар синфҳои тайёрӣ, ададҳои натуралӣ, сифр ва чор амалӣ математикӣ бо як гурӯҳ ададҳои манфӣ муҳимтарин хусусияти онҳо ва дар ин асос тарзи ҳисоббарории шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад.

**Дар зербоби 3.2.** «Мутобиқсозии хонандагони нуқсони шунавоидошта дар азхудкунии алифбои дастӣ ва имову ишоравӣ» (саҳ. 132-145) бахшида шудааст. Надонистани алифбои дастӣ ва имову ишора барои мутобиқшавӣ ХНШД душвориҳои зиёд меоварад, аз ин лиҳоз, мо барои тез мутобиқшавии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ онро ҳатмӣ шуморидем.

**Дар зербоби 3.3.** «Кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он дар мутобиқшавии хонандагони нуқсони шунавоидошта» (саҳ. 145-166) маълумот бадастомада мавриди таҳлил қарор ёфтааст.

Ақидаи мутахассисон донистани забони ишора ва инкишофи нутқ омили беҳтарин барои мутобиқшавӣ ба ҳисоб рафт. Мо барои синфи

тайёрӣ модели омода кардани ХНШД дар фанҳои забони имову ишора хос бударо дар алоҳидагӣ нишон додем.

**Дар хулосаи диссертатсия натиҷагириҳо ба тариқи зайл фароҳам оварда шудааст:**

Корҳои таҷрибавӣ оид ба мавзуи тадқиқот барои муайян кардани эътибори консепсияи назариявии пешниҳодкардаи мо ва ворид кардани маъно ва мундариҷаи мушаххас ба фаъолияти кафедраҳои психологӣ, тиббӣ, махсус ва педагогии ин муассисаҳо анҷом дода шуданд. Ҳангоми таҳқиқот ва муқоиса маълум шуд, ки мутобиқшавии хонандагон ба муассисаҳои таълимии махсус (МТМ) бесамар аст, зеро параметрҳои самаранокии ин раванд нокифоя таҳия шудаанд. Ин аз сабаби омӯзиши нокифояи ин раванд дар МТМ мебошад. Шароити тиббӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ, ки барои мутобиқшавии муваффақонаи иҷтимоӣ ва таҳияи заминаҳои таълимӣ ва инкишофӣ барои мутобиқшавии хонандагон ба МТМ заруранд, ҳанӯз аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда нашудаанд.

Сипас роҳбари илмӣ Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна номзади илмҳои педагоги дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир оид ба фаъолияти унвонҷӯ Одиназода Қ.Н., дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқарароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ намуда, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ карда, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар конфренсияҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаи бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Дар идома муқарризони холис Умаров А.С.- доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии саёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон Мухторова Г.Ғ. номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи кафедраи технология, нақшакашӣ ва дизайни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Мирзоева С.Д. номзади илмҳои педагогӣ, муалими калони кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тавсибу тасдиқ кардааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии

Одиназода Қурбонали Наҷмудин ба шиносномаи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус мувофиқат мекунад.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти Одиназода Қурбонали Наҷмудин, ки айни замон дар ҷомеаи муосир ба таҳия ва татбиқи усулҳои муассир барои рушди неруи мутобиқшавии хонандагони ХНШД бахусус дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ меафзояд. Аҳамияти калон доштани мутобиқшави ба хонандагони дорои нуқсони шунавоидошта имконият медиҳад, ки онҳо ақидаи худро оид ба маюбият бартараф карда, эҳсосоти манфии худро, аз қабили ҳасадхурӣ, кинагирӣ, ғазаб ва нафрат доштанро ба ҷомеа бартараф намоянд ва фаъолияти худро такмил диҳанд.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферат. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, мақолаи илмӣ ва дастурҳои илмӣ ҳамагӣ 28 ададро дарбар мегирад, ки 3 -тои онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-тои он дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, маҷмуаи маводи конфренсияҳои илмӣ, амалию назариявии байналмилалӣ, 2-то дастури таълимӣ ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконоти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таҳсилоти иловагӣ аз таҳияи барномаҳои эҷодӣ ва воситаи корҳои фардӣ ва гурӯҳӣ, инчунин расонидани кӯмак ба волидайн иборат мебошад. Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи маводҳои илмӣ ҳамчун монография истифода намудан мумкин аст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлил ва ташхиси ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандсолаи фаъолияти илмии муҳаққиқ мебошад. Иҷрои диссертатсия ва нақшаи кории илмиро бевосита муаллиф роҳандозӣ кардааст.

Муҳаққиқ тавонистааст тамоми паҳлуҳои мавзуи матраҳшударо то андозаи лозимӣ ҳаллу фасл намуда, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст.

Одиназда.Қ.Н. дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тавсибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ кардааст.

Диссертатсияи Одиназода Қурбонали Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи 5.3.6. Педагогикаи махсус ба ихтисоси интихобшуда мувофиқат мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳкикот.** Муаллифи рисолаи илмӣ аз соли 2017 дар ММТ ва аз соли 2021 дар муассисаи олӣ ДДОТ ба номи С.Айнӣ ба ҳайси сурдопедагог (муаллими имову ишора) фаъолият менамояд. Дар асоси мутобиқшави роҷеъ ба мазмун ва муҳтавои рисолаи тадқиқотӣ дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир, дар конфереҷсияи анъанавии илмӣ-амалии устодони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ солҳои 2021/2025 ва дар конференсияҳои илмии амалии ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо баромад намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати феҳристи адабёт 185 бо 194 саҳифаи чопӣ иҷро шуда, 10 - ҷадвал, 36 - расмҳои имову ишора, 5 - амсила ва 3 - диаграмма иборат мебошад.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп намудаи унвонҷу мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-С] СатторовҚ.Н. Мутобиқшавии кӯдакони ношунаво бо барномаи таҳсилотӣ [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф 2022, №4 (40) С. 56-59.

[2-С] Рамазонова Р.С. Сатторов Қ.Н. Роҳу усулҳои ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ дар мутобиқшавии хонандагони имконияташон маҳдуд ба таҳсилоти иловагӣ [Матн] / Р.С.Рамазонова, Қ.Н.Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. С. 295-298 Таҳти №7 - Душанбе: 2024 с

[3-С] СатторовҚ.Н. Шароити психологию педагогии мутобиқ намудани хонандагони нуқсони шунавоидошта ба мактаб-интернат [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маводи конфренсияи VIII байналмилалии илмӣ-амалӣ “Таҳсилоти фарогир: Муносибати босалоҳият дар шароити бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ” Душанбе: 2024 саҳ 186-190

II. **Дастури таълимӣ - методӣ**

[4-С] Сатторов Қ.Н. Бозӣ воситаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ ва ташаккули қобилияти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Дастури методӣ - Душанбе: 2022 158 с.

[5-С] Сатторов Қ.Н. Луғати таҳсилоти фарогир [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Дастури методӣ. Душанбе: 2024. 172 с.

III. **Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаву нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[6-С] Сатторов Қ.Н. Забони имову ишора дар ҷомеа. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маводҳои конфренсияи илми-амалӣ дар мавзуи: Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар омаода кардани мутахассисон барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ. Душанбе: 2019. с.171-173

[7-С] Сатторов Қ.Н. Хусусиятҳои психологии ҳаёти иҷтимоии кӯдакон. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Муҳаққиқи ҷавон ДМТ. Душанбе: 2020. с. 59 - 62

[8-С] Сатторов Қ.Н., Рушди нутқи кӯдакони 4-5 сола. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Муҳаққиқи ҷавон ДМТ. Душанбе: - 2021 с. 44 - 49

[9-С] Сатторов Қ.Н. Ташхиси педагогӣ, психологӣ ва тиббӣ дар кӯдакони дорои нуқсони нутқ ва хусусиятҳои он. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маводи Конфренсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ “Назария ва амалияи ташхиси психологӣ ва зарурати такмили он”. Душанбе: 2021 с. 65-67

[10-С] Сатторов Қ.Н. Забони имову ишора дар ҷаҳони муосир. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Падида. Маҷмуи мақолаҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни факултети психология ва таҳсилоти фарогир. Душанбе: 2022. с. 34-37

[11-С] Сатторов Қ.Н. Мутобиқшавии кӯдакони ношунаво дар синну соли қабл аз томактабӣ барномаҳои таҳсилотӣ. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Падида. Маҷмуи мақолаҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни факултети психология ва таҳсилоти фарогир. Душанбе: 2022. с. 173-179.

[12-С] Сатторов Қ.Н. Фаъолияти бозӣ ва таснифоти намудҳои он бо тариқи имову ишора. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Падида. Маҷмуи мақолаҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни факултети психология ва таҳсилоти фарогир. Душанбе: 2022. с. 169-173

[13-С] Сатторов Қ.Н. Усулҳои тарбияи суханронии дактелӣ. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ): маърифат ва ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон (Маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва таълимию методӣ). Хуҷанд: 2022. с. 134-139

[14-С] Сатторов Қ.Н. Мушкилоти муошират бо забони ишора дар оила ва роҳҳои ҳалли он. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Муаммо ва дурнамои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (Маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва таълимию методӣ). Хуҷанд: 2022. с. 80-85

[15-С] Сатторов Қ.Н. Шакл, восита ва усулҳои омӯзиши раванди мутобиқшавии хонандагоги ношунаво ба мактаб-интернат. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маводи Конфренсияи байналмилалӣ:“Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа”. Душанбе: 2023. с. 115 - 120

[16-С] Сатторов Қ.Н.Ислоҳи нуқсонҳои шунавоӣ дар кӯдакони аввали ҳаёт барои мутобиқшавии онҳо дар ҷомеаи муосир. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маводи Конфренсияи байналмилалӣ: “Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа”. Душанбе: 2023. с. 115 - 120

[17-С] Сатторов Қ.Н. Раванди мутобиқшавӣ ҳамчун як навъи таъсири мутақобилаи хонандаи ношунавои муассисаи таҳсилоти махсус. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Илмҳои техникӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он” Бахшида ба эълон

гардидани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. Душанбе: 2023. с. 103 - 108

[18-С] Сатторов Қ.Н. Масъалаи омодагии хонандагони дорои нуқсони шунавоидошта ва мутобиқшавии онҳо ба муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи илмӣ - амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ”. Бо мақсади амали намудани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”.Душанбе: 2023. с. 236 - 238

[19-С] Сатторов Қ.Н. Шароити иҷтимоию педагогӣ ба ҳаёти муассисаҳои махсуси таҳсилоти мутобиқ намудани хонандагони ношунаво. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи илмӣ – амалӣ ҷумҳуриявӣ бо мақсади амалӣ намудани “ Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе: 2023. с. 107-111

[20-С] Сатторов Қ.Н. Мутобиқшавии хонандагони нуқсони шунавоидошта дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маҷмуи мақолаҳо қисми 1. Хуҷанд: 2023. с. 116-118

[21-С] Сатторов Қ.Н. Хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоии хонандагон дар мактаб-интернат. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи илмӣ - амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Омода намудани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таълимӣ” Душанбе: 2024. с. 104-107

[22-С] Сатторов Қ.Н., Ҷамъияткунониии кӯдакони дорои шунавоӣ дар ҷомеаи муосир. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи илмӣ - амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Омода намудани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таълимӣ”. Душанбе: 2024. с. 107-111

[23-С] Сатторов Қ.Н. Мушкилоти забони ишораи тоҷикӣ ва роҳҳои ҳалли он. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи илмӣ – амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Омода намудани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ба муассисаҳои таълимӣ”. Душанбе: 2024. с. 254-261

[24-С] Сатторов Қ.Н. Мутобиқшавии кӯдакони ношунаво ба барномаи таълими ва муносибати онҳо бо калонсолон. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи байналмилалӣ: “Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир” Душанбе: 2024. с. 161-165

[25-С] Сатторов Қ.Н. Омӯзиши имову ишора дар мактабҳои махсус. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи байналмилалӣ: “Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир”. Душанбе: 2024. с. 187-192.

[26-С] Сатторов Қ.Н. Нақши имову ишора дар рушди кӯдакони дорои нуқсони шунавоидошта. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявӣ “Роҳҳои такмили корҳоиислоҳамоӣ бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар раванди таълим”. Душанбе: 2024. с 213 -217

[27-С] Сатторов Қ.Н. Таърихи мактаби аввалини ношунавоён дар Фаронса, Россия ва Тоҷикистон. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Конфренсияи Байналмилалӣ: илмӣ - амалии ҳайати профессорону омӯзгорон дар партави суханронии Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба "Рӯзи дониш" таҳти унвони "Нақш ва масъулияти омӯзгор дар замони истиқлол" Душанбе: 2025 с 52 -57

[28-С] Сатторов Қ.Н. Истифодаи зарбулмасал ва тезгӯяк дар фаъолгардонидани хонандагони нуқсони шунавоидошта. [Матн] / Қ.Н.Сатторов // Маводи конфренсияи илмӣ - амалӣ байналмилалӣ "Омилҳо ва ҷанбаҳои психологии тундгароӣ дар ҷавонон". Душанбе: 2025. с. 699-706

**ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Одиназода Қурбонали Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муҳаққиқ ба ҷанбаҳои назариявию амалии соҳаи педагогикаи махсус муътамадона мусоидат мекунад.

3. Диссертатсияи илмии Одиназода Қурбонали Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ», ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус ҷавобгӯ аст.

4. Диссертатсияи Одиназода Қурбонали Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ», кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисобида шавад.

Диссертатсияи Одиназода Қурбонали Наҷмудин дар мавзуи «Хусусиятҳои мутобиқшавии психологӣ-педагогии хонандагони мушкилоти шунавоидошта ба муҳити махсуси таҳсилотӣ», аз рӯйи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6DКОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи муштараки кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ дар якҷоягӣ бо кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба

номи Садриддин Айнӣ аз 01.04.2026, суратҷаласаи №9 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 1 нафар профессор, 10 нафар номзади илм, 3 нафар муаллими калон, 3 нафар ассистент.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «Тарафдор» -16 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Мансурова Ҷ.

Котиби ҷаласа н.и. п. — Салямова Д.

Имзои Ҷ.Мансурова ва Д.Салямова-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Қодирзода С.М.